# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ**

аз 19 марти соли 2024 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Қудратов Р.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Ҷабборов Ф.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия, Досиев М.Н., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии такмили муҳити молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифтааст.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ шароит ва омилҳои гуногунеро дарбар мегирад, ки натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат аз он вобастагии калон дорад, зеро он қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, вазъи он дар умум ҳам ба иқтисодиёти кишвар ва ҳам ба рушди минтақаҳои алоҳидаи мамлакат таъсири назаррас мерасонад, самаранокии истеҳсолот ва хизматрасониро таъмин менамояд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ бояд ҳолате бошад, ки дар он соҳибкор аз ҷиҳати молиявӣ комилан мустақил буда, қобилияти пардохтпазирӣ, ракобатпазирӣ ва рушди пешбининамудаи дарозмуддати он таъмин карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳолати кунунии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо набудани муҳити молиявии солими таъминкунандаи рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди андозбандӣ, амалҳои коррупсионӣ дар ташаккул ва фаъолияти соҳибкорӣ, сатҳи пасти даромад, низоми фоизҳои баланди қарзӣ ва суғурта, норасогии дастгирии молиявӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳқиқи муаммоҳои мавҷудаи муҳити молиявии соҳибкорӣ, муайянсозии омилҳои ташаккулдиҳандаи муҳити молиявии соҳибкорӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии муҳайёсозии муҳити мусоиди молиявии соҳибкорӣ, муайянсозии самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшударо нишон медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКҶТ ба итмом расонида шуда, дар Шурои олимони муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:
- Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Соҳибназаров Ғ.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Қудратов Р.Р.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**н.и.и., дотсент** **Ҷабборов Ф.А.**
**н.и.и, дотсент** **Досиев М.Н.**

*Имзои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям*

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**